# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

№31

аз 23 июни соли 2010 ш.Душанбе

Дар бораи парвандаҳои оилавие, ки аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд

Бо дарназардошти қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тибқи Қонуни мазкур дар сохтори Суди Олӣ, судҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе таъсис додани коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ дар асоси моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

## ҚАРОР КАРД:

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад:

Ба парвандаҳои оилавӣ баҳсҳое, ки аз муносибатҳои бо қонунгузории оилавӣ танзимкунанда алоқаманд буда, шарт ва тартиби акди никоҳ, қатъ ва беэътибор донистани он, муносибатҳои шахсии молу мулкӣ ва ғайримолу мулкӣ, ки дар оила миёни зану шавҳар, падару модар, фарзандон, дигар аъзои оила, инчунин муносибатҳое, ки вобаста ба фарзандхондӣ, васояту парасторӣ, ба тарбия гирифтани кӯдакон ва муносибатҳои дигари оилавиро танзим менамоянд, дохил мешаванд.

Инчунин муносибатҳои дигари ҳуқуқи граждание, ки ба манфиатҳои ноболиғон, зану шавҳар ва ё аъзои оила вобастаанд, аз ҷумла муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта, бедарак ғоиб эътироф намудан ё фавтида эълон кардани шаҳрванд, ғайри қобили амал эътироф намудан, маҳдуд сохтани қобилияти амали шаҳрванд, дорои қобилияти пурраи амал эътироф намудани ноболиғ (эмансипатсия), бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар

беморхонаи равонпизишкӣ ва муоинаи маҷбурии равонпизишкӣ, парвандаҳо оид ба ворид намудани ислоҳ, тағйирот ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, баҳсҳои ҳуқуқи меросӣ, ки аз меросгирӣ мутобиқи қонун ва ё васиятнома бармеояд, маскун намудан ва мурофиаи парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеояд, парвандаҳои оилавиро ташкил медиҳанд.

Раиси Пленум,
Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Абдуллоев

Котиби Пленум,
Судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Саидов